Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

14 декабри соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, рақами бақайдгирӣ 1106

# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

Дар бораи Тартиби аз аттестатсия гузаронидани шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд

190.010.060

Мутобиқи сархати шашуми қисми 1 моддаи 77 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби аз аттестатсия гузаронидани шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир вогузор карда шавад.

Вазир Ҷамолиддин Абдуллозода

ш. Душанбе,

аз 4 июни соли 2021, № 486

Замима

ба фармоиши вазири тандурустӣ

ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 4 июни соли 2021, № 486

# ТАРТИБИ АЗ АТТЕСТАТСИЯ ГУЗАРОНИДАНИ ШАХСОНЕ, КИ БА ФАЪОЛИЯТИ ТИББИ ХАЛҚӢ МАШҒУЛАНД

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Тартиби аз аттестатсия гузаронидани шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд (минбаъд - **Тартиб**) дар асоси сархати шашуми қисми 1 моддаи 77 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, раванди аз аттестатсия гузаронидани шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, бо роҳи баҳодиҳии малака ва тайёрии касбии онҳо муайян менамояд.

2. Аттестатсияи шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд, бо мақсади беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои тибби халқӣ гузаронида мешавад.

## 2. КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

3. Барои гузаронидани аттестатсия шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия таъсис дода мешавад.

4. Комиссия фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур амалӣ менамояд. Ҳайати комиссияи аттестатсиониро, ки иборат аз 9

нафар мебошад, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

5. Комиссияи аттестатсионӣ ба таври доимӣ дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

6. Вазифаҳои асосии комиссияи аттестатсионӣ аз инҳо иборат мебошад:

- гузаронидани аттестатсияи шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили ихтисоси мутахассисони тибби халқӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо.

7. Комиссияи аттестатсиониро раиси комиссияи аттестатсионӣ роҳбарӣ менамояд. Дар вақти набудани раис комиссияи аттестатсиониро муовинони ӯ роҳбарӣ мекунанд.

8. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ дар ташкил ва гузаронидани ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ иштирок намуда, ҳангоми зарурат ҳуқуқ доранд, парвандаи шахсии ба фаъолияти аттестатсияшаванда алоқамандро талаб намоянд, варақа ва протоколи аттестатсиониро имзо кунанд.

9. Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ ҳамон вақт босалоҳият ҳисобида мешавад, ки агар дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия иштирок дошта бошад.

10. Қарори комиссияи аттестатсионӣ бо тартиб додани протокол, ки он аз ҷониби раис, ҷонишин, котиб ва аъзои комиссия дар овоздиҳӣ иштирок доштанд, ба имзо расида, ба расмият дароварда мешавад.

**3. ШАХСОНИ АТТЕСТАТСИЯШАВАНДА ВА МУҲЛАТИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯ**

11. Ба аттестатсия табибони халқие, ки дар муассисаҳои тиббӣ ё дар асоси иҷозатнома фаъолият менамоянд, фаро гирифта мешаванд.

12. Шахсоне аз аттестатсия гузаронида мешаванд, ки шаҳодатномаи табиби халқӣ, сертификати мутахассиси тибби халқӣ ва иҷозатнома доранд.

13. Аттестатсияи табибони халқӣ дар 5 сол як маротиба гузаронида мешавад.

**5. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯ**

14. Гузаронидани аттестатсияи шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд, дар асоси фармоиши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Сана, вақт, ҷойи гузаронидан, рӯйхати аттестатсияшавандагон ва дигар масъалаҳои ташкилӣ оид ба гузаронидани аттестатсия аз тарафи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

15. Ҷадвали баргузории аттестатсия на дертар аз 10 рӯз қабл аз баргузории аттестатсия ба маълумоти аттестатсияшавандагон расонида мешавад.

16. Барои аз аттестатсия гузаштан ба комиссияи аттестатсионии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳар як аттестатсияшаванда чунин ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда мешаванд:

- нусхаи шиноснома;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот, дараҷаи тахассус;

- нусхаи ҳуҷҷат дар бораи такмили ихтисос дар давоми 5 соли охир ва нусхаи сертификати табиби халқӣ;

- нусхаи иҷозатнома оид ба ҳуқуқи ба фаъолияти тибби халқӣ машғул шудан;

- ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда дар 5 соли охир;

- тавсифномаи сармутахассиси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тибби халқӣ;

- варақаи аттестатсионӣ аз рӯйи шакли тибқи замимаи 1 Тартиби мазкур муқарраргардида.

17. Дар варақаи аттестатсионӣ, ки ба ҳар як аттестатсияшаванда тартиб дода мешавад, маълумоти зерин ҷой дода мешавад:

- маълумот дар бораи аттестатсияшаванда;

- саволҳо ба аттестатсияшаванда ва ҷавобҳои онҳо;

- эътироз ва пешниҳоди аттестатсияшаванда;

- баҳодиҳии фаъолияти аттестатсияшаванда;

- натиҷаҳои овоздиҳӣ;

- тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ;

- санаи баргузории аттестатсия;

- қарори комиссияи аттестатсионӣ оид ба натиҷаҳои аттестатсияи гузаронидашуда.

18. Варақаи аттестатсионӣ аз тарафи роҳбар, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, ба имзо расонида мешавад.

19.Ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ дар ҳузури шахси аттестатсияшаванда гузаронида мешавад. Шахсоне, ки ба аттестатсия бо сабабҳои узрнок ҳозир нашуданд, бояд дар ҷаласаи навбатии комиссияи аттестатсионӣ бо аттестатсия фаро гирифта шаванд.

20. Ба аттестатсияшаванда саволҳо аз рӯйи ихтисосе, ки шаҳодатнома ва сертификат дорад, дода мешавад.

**6. НАТИҶАҲОИ АТТЕСТАТСИЯ**

21. Қарор оид ба мутобиқатии табиби халқӣ ба талаботи аттестатсионӣ дар ҳолати ҳузур надоштани аттестатсияшаванда бо баҳодиҳии бештари аъзои комиссияи аттестатсионӣ қабул карда мешавад. Ҳангоми баробарии овозҳо, овози ҳалкунанда аз тарафи раиси комиссияи аттестатсионӣ дода мешавад.

22. Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти аттестатсияшаванда хулосаи зерин медиҳад:

- аз аттестатсия гузашт ва ҳуқуқи ба фаъолияти тибби халқӣ машғул шуданро дорад;

- ҳуқуқи ба фаъолияти тибби халқӣ машғул шуданро баъд аз гузаштани такмили ихтисос дорад.

23. Натиҷаҳои аттестатсия ба аттестатсияшаванда баъд аз хотимаёбии ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ бо тартибдиҳии протоколи дар замимаи 2 тартиби мазкур пешбинишуда эълон мегардад.

24. Дар асоси протоколи комиссияи аттестатсионӣ раиси комиссияи аттестатсионӣ дар муҳлати на кам аз 10 рӯзи корӣ тибқи тартиби муқаррааргардида фармоиши дахлдорро қабул мекунад.

25. Нисбати қарори комиссияи аттестатсионӣ аттестатсияшаванда ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ на дертар аз 10 рӯзи қабули қарор шикоят намояд.

26.Баҳсҳое, ки дар раванд ва ё натиҷаи аттестатсия ба вуқуъ меоянд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.